«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Б.Б.______________
21-уми августи соли 2020

**Тақризи**
**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Солиҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи "Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Марҳалаи классикии рушд таҷдиди назар ба каломи ҳунарии ҳирфаиро низ пеш овард. Ҳолати мазкур боиси тавлиди каломи бадеи манзум ва мансури андешамеҳвару хирадсолор гардид, ки тадриҷан бо унвони адабиёти тасаввуфӣ ё ирфонӣ касби иштиҳор пайдо кард. Ин марҳалаи нави адабӣ аз ҷониби бузургтарин муҳаққиқони соҳа "нигоҳи ҳунарӣ ба ирфони исломӣ" маърифат мешавад. Марҳалаи мазкур бо фаъолияти адабии шоири орифи давронсоз Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ сахт вобаста аст. Ҳаким Саноӣ парвардаи мактаби адабии Ғазна мебошад.

Мактаби адабии Ғазна дар таърихи адабиёти форс-тоҷик се рисолати сирф таърихиро ба ҷо овардааст, ки дар рисола оид ба масъалаи мазкур баҳси ҷолиб сурат гирифтааст. Аввал ин, ки доираи адабии Ғазна комилан анъанаҳои мактаби Бухороии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро идома бахшидааст. Дигар, барои густариши адабиёт ва забони тоҷикӣ ҷиддитарин иқдом маҳз дар ҳамин ҷо гузошта шудааст. Инчунин, нахустин макони зуҳури адабиёти тасаввуфӣ дар таърихи адабиёт аст, зеро Ҳаким Саноӣ зодаву парвардаи ҳамин макони адабӣ-фарҳангӣ мебошад.

Ислом ва тасаввуфу ирфон қиёсан бо дигар адёну мазоҳиби ғайр аз он ҷиҳат риҷҳон дода мешавад, ки инсонро аз яъсу навмедӣ наҷот бахшид, зеро ирфони исломӣ мамотро интиҳои марҳалаи нави бақо маърифат менамояд. Аз ин хотир, тадқиқи ин адабиёт хосса дар замони Истиқлолияти давлатии Ватан яке аз масъалаҳои асосии адабиётшиносӣ дар марҳалаи нави таърихӣ маърифат мешавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи осори марбути мавзӯъ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи таҳқиқи он баррасӣ ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян шудааст. Инчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва методи таҳқиқ, арзишҳои назарию амалии диссертатсия ва натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидааст.

Боби аввали рисола "Заминаҳои зуҳури назми тасаввуфӣ" ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл фароҳам омадааст, ки дар онҳо доир ба заминаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, омилҳои мафкуравӣ, зуҳури аносири жанрӣ, оғози пайдоиши назми тасаввуфӣ ва дар ҳамин замина оид ба анвои адабии назми сӯфиёна баҳсҳои басо ҷолибу арзишманди илмӣ сурат гирифтаанд.

Воқеан, зуҳури адабиёти ирфонӣ зуҳури шакли нави каломи ҳунарии манзуму мансур аст, ки дар таърихи адабиёти форс-тоҷик каломи андешаву дарунгаро маърифат мешавад.

Боби дуюми рисола "Марҳалаҳои асосии ташаккули назми тасаввуфии форс-тоҷик" унвонгузорӣ гардида, дорои ду фасл ва ду зерфасл аст.

Фасли аввали боби мазкур "Вазъи назми тасаввуфӣ то замони Ҳаким Саноӣ" ном дошта, дар ин бахш омилҳои зуҳури шеъри тасаввуфӣ ва умуман, адабиёти ирфонӣ ҳамчун болоравии сатҳи тафаккури адабӣ-ҳунарии миллӣ ва марҳалаҳои рушди адабиёти тасаввуфӣ мушаххас карда мешавад, ки матлуб аст.

Фасли дуюми боби мазкур мусаммо бар "Ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар эҷодиёти Ҳаким Саноӣ" буда, ба қавли Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, "дар таърихи адабиёти форсӣ вақте мегӯем шеъри қабл аз Саноӣ ва шеъри баъд аз Саноӣ, хонандаи аҳлу ошно тамоюзе шигарф миёни ин ду марҳала эҳсос мекунад" (Рисола, с. 115). Қазовати мазкур, ки муҳаққиқ зикр мекунад, воқеан, ҷолиб буда, дар он нақши симои эҷодӣ ва проблемаи суннатҳои устувори адабӣ ва ҷолибияти тозакорӣ дар марҳалаи ҳассоси таърихӣ таҳқиқ карда мешавад, ки хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ маҳз бо манзури тозакориҳои бунёдии Ҳаким Саноӣ ашъори ӯро ва рисолати таърихии баҷоовардаи эҷодкорро қиёсан бо кулли адибони асримиёнагии форс-тоҷик, бидуни истино, риҷҳон медиҳад, ки падидаи тоза дар саноишиносӣ маърифат мешавад.

Зерфасли навбатии боби мазкур, ки таҳти унвони "Инқилоби фикрӣ ва таъсири он дар шеъри Ҳаким Саноӣ" омадааст, дар ин бахш ҷунбиши фикрӣ-сиратии симои адабӣ-ирфонӣ ва дар ҳамин замина, таҷарруд аз дунёи моддӣ ва маҳз аз ҳамин сабаб зуҳури таҷдиди назар ба каломи бадеъ ва тавлиди

нигоҳи ҳунарӣ ба ирфони исломӣ мушаххас карда шудааст, ки, ба назари мо, матлубу мақбул аст.

Муҳаққиқ аввалин тозакории Ҳаким Саноиро дар воридсозии шикваю интиқод дар консепсияи суннатии мадҳ медонад, ки ин асосан хоси шеъри мадҳӣ буд.

Ҳаким Саноӣ мубтакири ғазали қаландаронаву зоҳидона аст, ки то ӯ ин навъи ғазал мушоҳида намешавад.

Маҳз пас аз инқилоби ситатӣ Ҳаким Саноӣ ба муҳтавои анвои лирикии дигари роиҷи адабиёти форс-тоҷик: таркиббанду тарҷеъбанд, шеъри тасмит ва анвои он, рубоӣ, қитъа, мустазод ва ғайра комилан таҷдиди назар кардааст. Аз ин сабаб, дар зерфасли сеюми боби мазкур таҳти унвони "Ҳаким Саноӣ бунёдгузори назми тасаввуфӣ" роҷеъ ба проблемаи анъана ва навоварӣ ва дар ҳамин замина дарёфту шохиссозии ихтироот дар каломи ҳунарии форс-тоҷик ва дар ҳадди адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ эътироф гардидани он мушаххас гардидааст, ки, ба назари мо, мантиқист.

Боби сеюми рисолаи Солеҳов Мирзо Одинаевич "Навовариҳои Ҳаким Саноӣ дар шакл ва мундариҷаи назми тасаввуфӣ" унвон дошта, муштамил бар чаҳор фасл ва ду зерфасл аст. Фасли нахустини боби мазкур ба проблемаи "Анвои назми тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ" бахшида шудааст. "Ҳеҷ кадоме аз қуллаҳои шеъри форсӣ, – таъкид мекунад Шафеии Кадканӣ, – ҳатто Саъдӣ ва Ҳофизу Мавлавӣ чунин мақтаеро дар таърихи шеъри форсӣ эҷод накардаанд, бо он ки сарояндагони барҷастатарини осори адабии форсӣ буданд. Ин вижагии давронсозӣ дар кори Ҳаким Саноӣ барои муаррихони ирфону шеър аз аҳаммияти вижа бархурдор аст" (Рисола, с. 115).

Тозакориҳои адиб дар анвои адабии лирикӣ, бахусус, дар зерфасли "Жанрҳои лирикӣ" мушаххас карда мешавад. Дар ин зерфасл басо бамаврид таъкид карда мешавад, ки: "Ҳаким Саноӣ дар ҳамаи жанрҳо эҷод кардааст, вале дар қасида, ғазал, рубоӣ ва маснавӣ дарунмояи комилан нобу нодир ворид сохт, аз муҳтавои қаблии жанрҳои мазкур ба ҷуз ном чизи дигареро ӯ ба мерос напазируфт" (Рисола, с. 161). Сипас, муаллифи рисола ҳар кадоме аз анвои лирикии қасида, ғазал, рубоиро дар алоҳидагӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, тозакориҳои бунёдии Ҳаким Саноиро дар ин ҷода бо асноду далоили қотеъ мушаххас месозад, ки нигоҳи тоза дар саноишиносӣ аст.

Зерфасли ҷудогонае таҳти унвони "Маснавиҳои тасаввуфӣ" дар боби сеюми рисола манзур мегардад, ки, ба назари мо, бесабаб нест ва сабабаш он аст, ки Ҳаким Саноӣ шакли нави маснавиро ихтироъ кард, ки он маснавиҳои фалсафӣ-ирфонӣ, таълимӣ буд, ки то Ҳаким Саноӣ аз ин навъи каломи ҳунарии эпикӣ дар ягон сарчашмаҳои адабию таърихӣ касе хурдтарин ишора

ҳам надорад. Ин тозакорӣ ва ё ихтирооти адабиро, пеш аз ҳама, худи Ҳаким Саноӣ огоҳона дар маснавии охирони худ "Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа" таъкид месозад ва худро ҳамчун кашшофи адабӣ муаррифӣ менамояд.

Дар зерфасли "Навоварӣ дар мундариҷаи назми тасаввуфӣ" бошад, таъкид мешавад, ки "Адабиёти ирфонӣ маншаъҳои адабӣ-ҳунарии худро аз мактаби Бухороии устод Рӯдакӣ мегирад, зеро пайравии шуарои ориф ба ин мактаб, ки дар давовини эшон манзур мегардад, қавитарин далоил аст" (Рисола, с. 231). Инчунин, дар рисола таъкид мешавад, ки эҷодкорони сӯфиву ориф ба аносири шаклии анвои адабӣ қариб ки кор нагирифтаанд, онҳо дарунмоясозии бунёдӣ кардаанд ва муҳаққиқ дуруст таъкид мекунад, ки сабаби асосии раванди мазкур он аст, ки орифон ба зоҳири ҳама чиз танҳо ба хотири ҳастӣ аз вуҷуди онҳо кор мегиранд, вале ҳадафи онҳо моҳияту муҳтаво аст. Сонийн, шакл дар тағйирёбӣ фаъол нест, вай дар муддатҳои тӯлонӣ дучори тағйир бояд шавад.

Ҳаким Саноӣ, – таъкид мекунад муаллиф, – дар кадом мавзӯъ ва кадом навъи адабӣ, ки эҷод карда бошад, ҳатман ба дарунмояи он, бидуни истисно, таҷдиди назар дорад. Нодиру ноб будани адабиёти сӯфия ва дар ин росто нақши бунёдӣ доштани Ҳаким Саноиро тамоми сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва кулли муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таъкид кардаанд ва дар ин бора ихтилофи назар ва ё мухолифати фикрӣ дида намешавад.

Дар зерфасли интиҳоии боби сеюм, ки таҳти унвони "Таъсири Ҳаким Саноӣ дар таҳаввули баъдии назми тасаввуфӣ" омадааст, муҳаққиқ таъсиру нуфузи осори адиби орифро ба адабиёти давр ва минбаъда нишон додааст, ки хеле нишонрас ва ҳадафмандона аст. Ин таъсиргузорӣ ва таъсирпазириро муҳаққиқ, бахусус, дар осори адабӣ-ҳунарии се тан аз орифони эҷодкори дараҷаи аввали таърихи адабиёти сӯфиёнаи форс-тоҷик басо ухдабароёна ва нишонрас санҷидааст, ки, ба назари мо, матлуб аст.

Муҳаққиқ Солеҳов М.О. дар анҷоми рисола аз натоиҷи тадқиқот ба хулосаҳои мушаххас омада тавонистааст, ки бархе аз онҳо чунинанд:

- Тасаввуф ва 72 мактаби фикрии он аз рифъати сатҳи тафаккури мардумони форсу тоҷик ва маънавиёти олию ҷаҳонбинии онҳо гувоҳӣ медиҳад.
- Намояндагони ин ҷараён, қабл аз ҳама, бо мақсади ба даст овардани васоити тарғиби аҳдоф ва дарёфти ҷонибдорони хеш рӯ ба каломи ҳунарӣ овардаанд.

- То Ҳаким Саноӣ шоирон будаанд, вале дар ин ва ё он навъи адабӣ табъ имтиҳон кардаанд. Нахустин шахсият ё симои эҷодӣ, ки дар ҳамаи анвои адабӣ эҷод кардааст, Ҳаким Саноӣ аст.
- Ҳаким Саноӣ дар анвои адабии ғазал, қасида, шеъри тасмит, рубоӣ, тарҷеъбанду таркиббанд, қитъа, махсусан, дар эҷоди маснавӣ шаклҳои комилан ҷадиди онҳоро эҷод кард ва ба ин восита, дар маҷмӯъ, ба каломи ҳунарии андешагаро – адабиёти ирфониро бунёдгузорӣ кард.

Муҳаққиқ зимни тадқиқоти сомондодаи хеш дар поёни ҳамаи фаслу бобҳо ва зерфаслҳо хулосабардорӣ намуда, дар интиҳои рисола ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии рисола гардидааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муҳаққиқ Солеҳов Мирзо Одинаевич кори арзандаи пажӯҳишӣ дар мавзӯи “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик” сомон дода тавонистааст. Таҳқиқот арзиши волои назарӣ ва амалӣ дошта, он дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмӣ-назариявӣ омода гардидааст. Бояд гуфт, ки мавзӯи мазкур бори аввал дар шакли рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ рӯйи кор омадааст.

Ҳамин тариқ, аз назари доираи тадқиқ, сохтори илмӣ, тозакорию навоварӣ, методи таҳлилу таҳқиқ, арзиши илмӣ рисолаи М. Солеҳов таҳқиқоти илмии мукаммал буда, ҷавобгӯи талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои сершумор дар рисола баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад шуд. Аз он ҷумла:

1. Муҳаққиқ нуфузи адёну мазоҳиби дигарро ба тасаввуфи ирфони исломӣ пазиро нест, ки ин андеша то андозае таҳрирталаб аст.
2. Дар рисола баъзан такрори фикру андешаҳо ба назар мерасанд, ки хуб мебуд, агар бо ишорае иктифо карда шавад.
3. Дар хулосаи рисола иқтибоси илмӣ ва шеър оварда шудааст ва он боиси тӯлонӣ гардидани хулоса шудааст ва месазад, ки он ихтисор карда шавад.
4. Шарқшинос Т. Бройн, ки шумо бо тадқиқотҳои ин олим эътимод доред, ҳолландӣ гуфтед, хуб мешавад, ки нидерландӣ ном бурда шавад.
5. Дар рисола ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, пунктуатсионӣ зиёданд, хуб мебуд, ки диссертатсия аз ин ҷиҳат то нашр як дафъа бознигарӣ шавад.

Метавон гуфт, ки камбудиҳои ёдшуда арзиши илмии рисоларо коҳонида наметавонанд, зеро муаллифи рисола вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст. Диссертатсияи Солеҳов М. О. тадқиқоти комили илмӣ буда, арзиши назариявию амалӣ дорад.

Фишурдаи рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки ҳамаашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи илмии Солеҳов Мирзо Одинаевич "Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик" таҳқиқоти комили анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалӣ ба талаботи КОА ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ муҳокима карда шуд (қарори №6 аз 20.08.2020) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Мудири шуъбаи таърихи адабиёти ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ, д.и.ф., профессор** **Сатторов А.**
**e-mail: sattorzoda@list.ru**
**Тел.: (+992) 918 45 98 16**

**Ташхисгар: номзади илми филология** **Н.Муҳаммадюсуф**

**Котиби илмӣ:** **Ш.Муҳаммадиев**

**Нозири шуъбаи кадри Институти Забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**

**Нишонӣ:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21 ИЗА ба номи Рӯдакӣ:
Тел.: (+992-37) 227-29-07; 227-75-50; факс: - iza.rudaki@mail.ru **iza.tj**.